# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2023, №11

Барои сазовор донистани Боронов Умедҷон Хуҷамуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №308) 15 марти соли 2023, суратмаҷлиси №4 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Боронов Умедҷон Хуҷамуродович 14-уми январи соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2008 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ)-ро бо ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм карда, фаъолияти омӯзгориашро аз соли 2006 дар мактаби миёнаи умумии №7 шаҳри Душанбе оғоз намудааст. Соли 2007 фаъолияти омӯзгориашро тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми ҶТ бо сабаби нарасидани муаллими забони англисӣ дар шаҳру ноҳияҳо ӯ дар мактаби миёнаи умумии №6 ноҳияи Темурмалик идома додааст. Солҳои 2008-2016 ба сифати ассистенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи ба номи С. Айнӣ кор кардааст. Соли 2016 дар вазифаи муаллими калон ва муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети забони англисии ДДОТ ба номи С Айнӣ, солҳои 2017-2018 муовини директори мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор ифои вазифа намудааст. Солҳои 20019-2021 ба сифати тарҷумони гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмонии иншоотҳои энергетикии назди Президенти ҶТ кор кардааст. Аз соли 2021 то ба ҳол дар кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муаллими калон кору фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ – Боқиев Ҳамза Олимович** номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

**Муқарризони расмӣ** – Сироҷиддини Эмомалӣ, доктори илми филология, декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Одинаев Нурмаҳмад Сафарович номзади илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, номзади илми филология Беҳрӯзи Забеҳулло, доктори илми филология, сарходими шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ АМИТ Муруватиён Ҷамила Ҷамол, котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология Шарифзода Л.А. ва имзою муҳри директори муассиса, доктори илми филология, профессор Шарифзода Ф.Х. пешниҳод шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Боронов У. Х. Гузаштае, ки ҳамеша бо мост [Матн] /У. Х. Боронов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 211-217.

[2-М]. Боронов У. Х. Тарҷумони пайкҳои руҳи башарӣ [Матн] /У. Х. Боронов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 211-217.

[3-М]. Боронов У. Х. Мутарҷиме дар мақоми роҳкушо [Матн] /У. Х. Боронов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 263-269.

[4-М]. Боронов У. Х. Риояти амонат дар тарҷума [Матн] /У. Х. Боронов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ). Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2022. – №1. – С. 115 -123.

[5-М]. Боронов У. Х., Боқиев Ҳ. О. Вижагиҳои сабки тарҷумаи тоҷикӣ ва нақши Ҳасан Ирфон дар таҳаввули он [Матн] / У. Х. Боронов, О. Ҳ. Боқиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6 (101). – С. 190-199.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Боронов У. Х. Нигоҳе гузаро ба сарнавишти Ҳасан Ирфон [Матн] /У. Х. Боронов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90- солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва 50 – солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ. – Душанбе, 2021. – С. 34-39

[7-М]. Боронов У. Х. Осори адибони ҷаҳон дар тарҷумаи Ҳасан Ирфон [Матн] /У. Х. Боронов// Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21 – уми феврал) дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ». – Душанбе, 2022. – С. 72-75.

## Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1.Тақризи доктори илми филология, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Н.Нуров мусбат буда, дар он эродҳои зерин нишон дода шудаанд: 1) Маълум аст, ки дар баробари тарҷумаи осори адибони рус, Ҳасан Ирфон намунаҳои адабиёти ҷаҳонро низ дар асоси тарҷумаҳои русии онҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. Таҳлилҳои қиёсии муаллиф дар заминаи матнҳои русӣ ва тоҷикӣ қобили таваҷҷуҳанд. Хуб мешуд, ки ҳарчанд баъзе осор аз рӯи матнҳои русии онҳо тарҷума шудаанд, ба забони асли онҳо, аз ҷумла ҳиндиву урду низ муқоиса мегардиданд. Ин равиши таҳқиқ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро боз ҳам афзун мегардонид; 2) Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ мушоҳида мешаванд, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

**2. Тақризи** докторони илми филология, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов С. Саъдӣ ва мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи донишгоҳи мазкур Хуҷақулов С. низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд: 1) Ба назари мо, муҳаққиқ бояд ба баъзе мақолаву гузоришоти олимони ӯзбекистонӣ, ки бевосита ба таҳқиқи масоили мухталифи ҳамин даврai таърихи адабиёт ва танқиди адабӣ ва айнан таҳқиқи фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон бахшида шудааст, аҳамият медод ва ин ҷиҳатро ба инобат мегирифт, хуб мешуд; 2) Марҳилаҳои асосии ташаккули фаъолияти тарҷумонӣ ва адабии Ҳасан Ирфон ба таври муқоиса камтар таҳқиқ шудааст ва бояд ин ҷиҳати масъала дар корҳои минбаъда ба инобат гирифта шавад. 3) Хулосаҳои муҳаққиқ дар нисбати осори бадеии адиб ба тарзи ифодаи содаву муъҷазу мушаххас ниёз дорад, зеро бандҳои хулоса айнан ҳамин чизро тақозо дорад ва дар баъзе бахшҳои он зиёдагӯӣ ба мушоҳида мерасад. 4) Дар диссертатсия фаъолияти тарҷумонӣ ва сифати тарҷумаҳои адиб бештар шарҳу тафсир меёфтанд, ҳамчунин тамоюлоти назарию амалии тарҷумаи бадеӣ ва ҷиҳатҳои ба худ хоси он дар мисоли осори тарҷумавии Ҳасан Ирфон муайян мегардид, арзиши кор боз ҳам меафзуд.

**3. Дар тақризи** номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Боев Ш. ба дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст: 1) Дар саҳифаҳои 9,10,15,ва 19-и фишурдаи рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуданд; 2) Қисмати муқаддимавии фишурдаи рисола ба бознигарӣ эҳтиёҷ дорад.

**4. Тақризи** Дустов К. –номзади илми филология, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст: 1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ мавҷуд буда, ислоҳаш имконпазир аст. 2. Дар оғози фаъолияти эҷодӣ яке аз мутарҷимони машҳури тоҷик Шариф Шароф аз мактаби эҷодии Ҳасан Ирфон баҳра бардоштааст. Агар дар ҷараёни навиштани диссертатсия муаллиф аз мусоҳибаҳои Шариф Шароф бо Ҳасан Ирфон мулоҳизаҳои худро баён мекард, беҳтар буд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

-унвонҷӯ Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар баробари иҷрои таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии роиҷ ба омӯзиши фаъолияти адабӣ, хусусиятҳои осор ва хидматҳои Ҳасан Ирфон дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадеӣ, раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи касбӣ дар адабиёти муосири тоҷик пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**

- дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал зиндагинома, фаъолияти адабӣ, хусусиятҳои осор ва хидматҳои Ҳасан Ирфон дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи касбӣ ба таври вижа **таъйид гардидааст.**

- зинаҳои ҳаёт ва фаъолияти нависандагиву тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагӣ ва омилҳои асосии ташаккули шахсияти ҳунарии ӯ ба таври саҳеҳ муайян карда шудааст;

- шинохт ва арзёбии вижагиҳои ҳунари тарҷумонии Ҳасан Ирфон, таҳқиқ ва ошкор намудани масъалаи амонат ё худ ҳифзи сабки осори тарҷумашуда, баррасии масъалаҳои интихоби тарҷума, алоқамандии мутарҷим ба матни аслӣ, мушаххас намудани масъалаҳои назарӣ ва амалии осори тарҷумавӣ, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз дастовардҳои муҳимми диссертатсия буда, мавриди таҳқиқи густурдаи монографӣ қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот ба он асоснок карда шудааст, ки** дар он дарки хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ, фардияти эҷодӣ ва фаъолияти нависандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфон ошкор мешавад. Ба ин далел, осори бадеии нависанда, таҷрибаи тарҷумонии ӯ таҳлилу арзёбӣ шуда, қонуниятҳои назарӣ ва амалии масъалаҳои мавриди назар муайяну мушаххас карда шуд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти анҷомгирифта донишҳои назариро дар масъалаи таърих ва назарияи тарҷума ҳамчунон фардияти ҳунари нависандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфонро такмил мебахшад. Аҳамияти амалии диссертатсия боз аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаи пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума, суханрониҳо оид ба таърихи адабиёти муосир ва тарҷума дар макотиби миёнаю олӣ, ҳамчунин, чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи тарҷумаи муосир истифода кард, зеро фаъолияти адабии Ҳасан Ирфон, бахусус, нақши тарҷумонии ӯ дар ин самт бузург ва муассир аст.

Асосҳои назариявии диссертатсия ба дастовардҳои илмии олимони ховаршинос ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ чун М. М. Бахтин, Ю. Л Лотман, Д. С. Лихачёв, В. М. Жирмунский, Г. Гачечиладзе, Р. Якобсон, С. Айнӣ, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набавӣ, М. Мирзоюнус, Ш. Солеҳов ва дигарон бунёд ёфтааст.

Диссертатсия дар асоси усулҳои таҳлили таърихию адабӣ ва методи муқоисавӣ-таърихӣ таълиф шуда, ҳамчунин, ҳангоми ҳалли ҷомеи масъалаи мавриди баҳс аз назари объективӣ ба осори адабӣ, меъёрҳои матншиносӣ, методи таҳлили бонизом ва равишҳои оморӣ-татбиқӣ истифода гардид.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** мавод ва натиҷаи пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума, суханрониҳо оид ба таърихи адабиёти муосир ва тарҷума дар мактаби миёнаю олӣ, ҳамчунин, чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи тарҷумаи муосир истифода кард, зеро фаъолияти адабии Ҳасан Ирфон, ба хусус, нақши тарҷумонии ӯ дар ин самт бузург ва муассир аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки** дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллифи диссертатсия бори аввал дар заминаи манобеи муҳимми марбут ба зиндагиномаи Ҳасан Ирфон аҳвол ва осори адибро омӯхта, нақш ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун нависандаю тарҷумон таъйин намудааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 21 июни соли 2023 дар бораи сазовор донистани Боронов Умедҷон Хуҷамуродович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф, профессор Солеҳов Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф, профессор Восиева Р.Қ.
21.06.2023.